Ба Шурои диссертатсионии
6D. КОА-014 назди Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе,
734067, кӯчаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, Сардори Шӯъбаи амалиётии ҶСП "Спитамен-бонк" Боймуродов Ҷовид Ҷаъфарҷонович ба диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳлили муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Оев Анис Давлатович дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" нишон дод, ки рисолаи илмӣ воқеан ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 5.4. Рушди методҳои арзёбии хавфҳо ва таъсири онҳо ба арзиши бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.14. Коркарди равишҳои арзёбии сандуқи дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон ва самтҳои муносибгардонии сандуқи мазкур; 10.16. Системаи мониторинг ва ояндабинии хавфҳои бонкӣ мувофиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** Дар шароити муосир тағйироти иқтисодӣ дар Тоҷикистон ҳамзамон маънои куллан дигаргуншавии арзёбии ҷойгоҳ ва нақши низоми бонкӣ дар иқтисодиёти миллиро дорад, ки вобаста ба табиати худ ҷузъи муҳиму таркибии муносибатҳои такрористеҳсолӣ дар хоҷагии халқ маҳсуб мeёбад. Рушди бомароми иқтисодиёти миллӣ, ташкили мақсадноки муносибатҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа аз фаъолияти босамару устувории низоми бонкии кишвар вобастагии зиёд дорад.

Давоми солҳои охир низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти таъсири тағйиротҳои куллӣ қарор гирифт, ки дар натиҷа шумораи ташкилотҳои қарзӣ, ҳаҷми маблағҳои пасандозӣ ва сармояи худии бонкҳо коҳиш ёфта, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар ҳаҷми умумии

қарзҳои додашуда зиёд гардид. Зуҳуроти буҳронии солҳои 2014-2016 ба он оварда расонид, ки аз нимаи дуюми соли 2015 муштариёни бонкҳо бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуданд. Чунин бонкҳои қаблан низомсоз, ба монанди ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» натавонистанд уҳдадориҳои худро дар назди муштариён ва давлат иҷро кунанд, ки ин сабаб ба коста шудани боварии мардум нисбати низоми бонкӣ гардид. Яке аз омилҳои асосии ба чунин вазъ дучоршавии бонкҳои низомсоз ва дигар бонкҳо-сатҳи баланди хавфҳои қарзӣ дар фаъолияти онҳо ба ҳисоб мерафт, ки натиҷаи он дар паёмадҳои буҳронӣ, ба маротиб болоравии ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъолро дар сандуқи қарзии низоми бонкӣ ба бор овард.

Дар шароити муосир вазифаҳои таҳлил, баҳодиҳӣ, танзим ва пешгӯии хавфҳои молиявӣ дар идоракунии фаъолияти ҳама бонкҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳалли ин мушкилот тавассути ба эътидолории хавфҳои молиявии бонкҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият, таъмини ҳадди аксари даромаднокию фоиданокии фаъолияти бонкӣ дар шароити кунунӣ ва маҳдудиятҳои мавҷуда амалӣ карда мешавад.

Маҳз чунин ҳолатҳои зикршуда зарурати объективии асосноккунии назариявии хавфҳои қарзӣ ва ташаккули низоми идоракунии онҳоро дар ташкилотҳои қарзии кишвар ифода намуда, мубрамии мавзуи диссертатсияи тақризшавандаро исбот менамоянд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Аз рисолаи илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти анҷомдодашуда аз коркарди асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ иборат мебошад. Ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф, унвонҷӯй вазифаҳои таҳқиқотро муайян ва пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба бунёди навгониҳои алоҳидаи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат кардааст. Дар алоқамандӣ ба муҳимияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот, мавзуъ, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. Объекти таҳқиқотро ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хавфҳои қарзӣ, ки ба фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд ташкил медиҳад. Ба сифати мавзуи таҳқиқот, муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ ва молиявӣ оид ба такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд.

Аз навгонии дар таҳқиқот овардашуда бар меояд, ки муаллифи он ба ҳадафи дар диссертатсия гузошташуда ноил гардидааст. Чунки вай дар заминаи таҳқиқи табиати иқтисодии хавф, фаҳмиши муаллифии хавф ва хавфи қарзиро таҳия намуда, алоқамандии хавфҳои қарзиро бо хавфҳои молиявӣ муайян кардааст ва бо назардошти шароити иқтисодии кишвар хусусиятҳо ва омилҳои ба хавфҳои қарзӣ таъсиррасонро гурӯҳбандӣ кардааст. Методикаи хоси баҳодиҳии хавфҳои қарзиро дар асоси Базел II ҷонибдорӣ намуда, сохтори низоми муосири идоракунии хавфҳои қарзиро вобаста ба сатҳҳо таҳия намудааст ва ҷиҳати таъмини фаъолияти муътадили низоми бонкӣ ба истифодаи воситаҳои мухталифи баэътидолории хавфҳои қарзӣ афзалият додааст. Вобаста ба шароити кунунии низоми бонкии мамлакат асосҳои ниҳодии идоракунии хавфҳои қарзӣ ва услубҳои хоси таҳлили онҳоро коркард намуда, бо истифода аз тамсилаи регрессионӣ омилҳои таъсиррасонро омӯхта, бартарии дурнамои ҷараёни қарздиҳӣ ва воситаҳои самараноки раванди қарздиҳиро дар баландбардории сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ муайян намудааст.

Нуктаҳои алоҳидаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки хусусияти навгонӣ дошта, саҳми муҳаққиқро ҷиҳати расидан ба ҳадафи муайянгардида нишон медиҳад, инҳо мебошанд:

Нуктаи якум ба фаҳмишҳои калидии таҳқиқот вобаста мебошад. Дар он муаллиф ҷанбаҳои назариявии хавф ва хавфи қарзиро омӯхта, нисбати фаҳмиши онҳо чунин мавқеъҳоро ҷонибдорӣ намудааст: Хавф гуфта, номуайяниҳои фаъолиятро иҳотакунанда дар назар дошта мешавад, ки натиҷаи он талафёбӣ, осебпазирӣ, хароҷоти иловагӣ ва ё баръакс – дар ҳолати интихоби саҳеҳи алтернативӣ даромади иловагӣ ва фоидаи пешбинишуда мебошад. Зери фаҳмиши хавфи қарзӣ бошад, эҳтимолияти ба таъхир афтидани уҳдадориҳои молиявии иҷрошаванда аз ҷониби қарзгиранда, зомин ва иштирокчиёни шартнома, мутобиқи шартҳои шартнома ё талафоти иқтисодӣ аз иҷро нагардидани уҳдадориҳои контрагент дар назар дошта шудааст.

Нуктаи дуюм таснифоти хавфҳои қарзӣ, омилҳои ба онҳо таъсиррасон, алоқамандии хавфҳои қарзӣ бо дигар хавфҳо ва таҳаввулоти низоми идоракунии онҳоро дар бар мегирад. Вобаста ба ин, муҳаққиқ дар диссертатсия хавфҳои қарзиро аз рӯи 16 меъёр гуруҳбандӣ намуда (ҷадвали 1.3., саҳ.33-34), омилҳои ба онҳо таъсиррасонро дар сатҳи макро ва микро (расми 1.5., саҳ. 37) таснифот

кардааст. Таҳаввулоти ташаккул ва рушди низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ (ҷадвали 1.4., саҳ. 38) ба низоми муайян даровардa шудааст, ки он субъектони муносибатҳои қарзӣ, намудҳои қарз, дараҷаи хавфҳои қарзӣ, фишангҳои идоракунии муносибатҳои қарзӣ ва самаранокии низоми идоракунии хавфҳои қарзиро дар давраҳои қадим, ташкили бонкҳои тиҷоратӣ, ташкили бонки марказӣ, инчунин дар марҳилаи рушду ташаккули низоми муосири идоракунии хавфҳои қарзии сатҳи байналмилалию миллӣ фаро мегирад.

Нуктаи сеюм тавсияҳои муаллифии зеринро оид ба истифодаи таҷрибаи пешрафта ва сохтори муосири низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар бар мегирад: а) ба роҳ мондани равишҳои баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар асоси Базел II; б) истифодаи таҷрибаи идоракунии хавфҳои қарзии як қатор кишварҳои хориҷӣ дар замони буҳронҳои молиявӣ; в) татбиқи усулҳои таҳлил ва баҳодиҳии пардохтпазирии қарзгиранда, аз ҷумла: 5C, скоринг, CAMELS, PARSER, PARTS, CAMPARI, Dun & Bradstreet.

Нуктаи чорум натиҷаҳои хусусияти навгонидоштаи таҳлил ва арзёбии вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос менамояд. Муаллиф ҷиҳати таъмини устувории молиявии низоми бонкии мамлакат воситаҳои муассири баэътидолории нишондиҳандаи қарзҳои ғайрифаъолро таҳия кардааст, ки инҳо мебошанд: истифодаи нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ дар таҳлили хавфҳои қарзӣ, ҳисоботҳои молиявӣ, бюрои таърихи қарзӣ, меъёрҳои пазируфташудаи таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҳлил ва арзёбишуда аз ҷониби ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ, таҳлилҳо вобаста ба мавқеъгирӣ аз динамикаи қарзҳои фаъол дар кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон, омори маблағгузории низоми бонкии кишвар, таҳлили хавфҳои қарзӣ дар КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ва ғ.

Нуктаи панҷум заминаҳои меъёрию методии такмилдодашудаи таҳлили хавфҳои қарзиро ҳамчун унсурҳои низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар назар дорад. Дар ин самт муҳаққиқ меъёрҳои танзими низоми идоракунии хавфҳои қарзиро дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба низоми муайян даровардааст (ҷадвали 3.1., саҳ.118-119), баҳодиҳии хавфҳои қарзиро аз рӯйи намудҳои қарз таснифбандӣ кардааст (ҷадвали 3.3., саҳ.121-122), тарҳи баҳодиҳии қобилияти қарзадокунии қарзгиранда (расми 3.2., саҳ.123) ва услубҳои ҳисоби маҳакҳои хавфҳои қарзиро (ҷадвали

3.4., саҳ.125-126), таҳия намуда, қабул ва истифодаи методҳои ҳозиразамон ва ба шароити кунунии иқтисоди миллӣ мувофиқро барои таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ тавсия карда мешавад.

**Нуктаи шашум дурнамои рушди низоми идоракунии хавфҳои** қарзӣ, механизми такмили назорат ва идоракунии хавфҳои қарзиро дар бар мегирад. Дар ин қисмат муаллиф роҳҳои самаранокгардонии стратегия ва сиёсати идоракунии хавфҳои қарзиро дар ташкилотҳои қарзӣ, роҳҳои пасткунии хавфи қарзӣ, марҳилаҳои раванди қарздиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзии ташкилотҳои қарзиро таҳия кардааст. Ҳамчунин дар шароити ҷой доштани ҳиссаи зиёди қарзҳои батаъхирафтода ва сатҳи баланди хавфҳои онҳо дар бахши бонкии Тоҷикистон зарурати роҳандозии таҳлили хавфҳои қарзӣ дар рафти идоракунии онҳо тавсия карда шудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда**

**Асоснокӣ ва эътимоднокии** муқарраротн илмӣ ва хулосаву тавсияҳо бо истифода аз асарҳои олимони ватанию хориҷӣ ва ҳамчунин маводҳо аз институтҳои молиявии байналмилалӣ оид ба такмили низоми идоракунии хавфҳои молиявию бонкӣ бо гузаронидани таҳлилҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра дар матни диссертатсия шарҳ дода шудаанд. Муаллиф хулоса ва тавсияҳоро дар заминаи таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок тамаркуз намудааст.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки инкишофи дарки назариявии табиати иқтисодии хавф, хавфи қарзӣ, низоми баҳодиҳӣ, идоракунии хавфҳои қарзӣ ва тавсияи роҳу усулҳои баэътидолории хавфҳои қарзӣ ҷиҳати такмили ҷанбаҳои назариявию методии идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии мусоидат менамоянд. Муқарраротн анҷомёфтаи диссертатсия метавонад дар раванди омӯзиши фанҳои таълимӣ, аз ҷумла фанҳои фаъолияти бонкӣ, амалиётҳои бонкӣ, идоракунии хатари бонкӣ, таҳлил ва баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, таҳлили молиявӣ ва дар рушди ниҳодии низоми бонкӣ истифода шавад. Аҳамияти амалии

таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва хулосаҳои диссертатсия то сатҳи пешниҳодоти мушаххас расонида шудаанд ва онҳо метавонанд барои таҳлил ва баҳодиҳии **хавфҳои қарзии ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини сифати сандуқи қарзии низоми** бонкӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, аҳамияти амалии натиҷаҳои диссертатсия дар истифодаи воқеии онҳо назарас мебошад, аз ҷумла дар ҷараёни коркарди санадҳои меъёриву ҳуқуқии нав ва ворид намудани тағйиротҳо ба санадҳои меъёриву ҳуқуқии амалкунанда, дар фаъолияти ҷорӣ ва дурнамои Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва афзоиши сарчашмаҳои низоми бонкӣ.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боби дорои зерфаслҳо, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёт, истилоҳот ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 199 саҳифаи матни компютерӣ омода шуда, дорои 35 ҷадвал, 15 диаграмма, 15 расм ва 25 замима мебошад.

Дар боби аввал - **"Асосҳои назариявию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ"** муаллиф таҳаввулоти назариявии хавф, табиати иқтисодии он, хавфҳои қарзӣ, фаҳмиш, намудҳо, омилҳои таъсиррасон ва ташаккули низоми идоракунии онҳоро баррасӣ намудааст. Дар зерфасли сеюми боб муаллиф таҷрибаи хориҷии мавҷударо оид ба ташкили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст (саҳ. 13-59).

Дар боби дуюми диссертатсия - **"Таҳлил ва баҳодиҳии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** вазъи кунунии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Баъдан, муаллиф нишондиҳандаҳои таҳлилӣ ва арзёбии хавфҳои қарзии низоми бонкиро омӯхта, хавфҳои қарзиро дар ташкилотҳои қарзӣ таҳлил ва арзёбӣ кардааст (саҳ. 60-115).

Дар боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ - **"Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** муаллиф ба такмили асосҳои меъёрию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Вобаста ба ин, моделҳои муосири баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ, дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ ва баланд бардоштани таъсири раванди қарздиҳӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд (саҳ. 116-163).

Дар хулоса натиҷаҳои асосии назариявӣ ва тавсияҳои амалии ба даст омада пешниҳод карда шудааст.

Ташхис нишон медиҳад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ як зумра натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ ва амалӣ ба даст омадаанд, ки онҳо дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

**Натиҷаҳои муҳимтарини боби аввали** таҳқиқоти диссертатсионӣ инҳоянд:

- ҷонибдории назарияи неоклассикӣ дар бораи фаҳмиши хавф ва шинохти номуайянӣ ҳамчун асоси пайдоиши хавф;
- арзёбии табиати иқтисодии хавф ва дар ин асос, пешниҳоди дарки мафҳуми "хавф", таснифи аломатҳои хавф ва гурӯҳбандии онҳо;
- муайянгардии мавқеи муаллифӣ дар баробари дигар таърифҳое, ки аз ҷониби олимон ва институтҳои молиявию назоратӣ дар бораи хавфҳои қарзӣ пешниҳод шудаанд;
- баҳодиҳии мавқеи хавфҳои қарзӣ дар низоми хавфҳои молиявӣ, таснифоти хавфҳои қарзӣ, муайянкунии омилҳои ба хавфҳои қарзӣ таъсиррасон ва таҳаввулоти рушди низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ;
- арзёбии алоқамандии хавфҳои қарзӣ бо устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ;
- ҷиҳати такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ таҷрибаи хориҷӣ омӯхта шуда, барои татбиқи онҳо услубу равишҳои зерин пешниҳод шудаанд, ба монанди: а) равишҳои баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар асоси Базел II; б) таҷрибаи идоракунии хавфҳои қарзии як қатор кишварҳои хориҷӣ дар замони буҳронҳои молиявӣ; в) усулҳои таҳлил ва баҳодиҳии пардохтпазирии қарзгиранда - 5С, скоринг, CAMELS, PARSER, PARTS, CAMPARI, Dun & Bradstreet.

**Боби дуюми** таҳқиқоти диссертатсионӣ бошад, аз чунин натиҷаҳои умда иборат мебошад:

- ошкор гардидааст, ки новобаста аз тамоюли мусбии аксар нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи дороиҳои низоми бонкӣ, аз ҷумла ҳиссаи қарзҳо ва ҳамчунин, амонатҳо (пасандозҳо) нисбат ба ММД қонеъкунанда набуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои мавҷуда талабот ба сармояи иловагӣ ва маблағҳои озод мубрамияти хоссаро пайдо мекунад;
- таҳлилҳои муқоисавии устувории молиявии низоми бонкии мамлакат бо як қатор кишварҳои минтақа нишон дод, ки то ҳол заъфҳо дар фаъолияти низоми бонкӣ вуҷуд доранд ва дар ин асос ҷиҳати таъмини устувории фаъолияти он ҳамкорӣ бо низоми бонкии

пешқадам ва азхудкунии таҷрибаи он дар самти бонкдорӣ тавсия гардид;

- таҳлили сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, тақсимоти қарзҳо ба соҳаҳо ва аз рӯйи шакли моликият нишон додааст, ки сатҳи пасти диверсификатсияи қарзӣ дар онҳо ба мушоҳида мерасад ва аз ин лиҳоз, дастгирии бевоситаи давлат ҷиҳати кумак дар молиякунонии иқтисодиёт пешниҳод зарур шуморида мешавад;

- чораҳои ислоҳи ҳисоботи аудиторӣ, хоссатан дар самти фаъолияти қарзӣ заминаи пешгирӣ аз таъсири манфии хавфҳои қарзӣ буда, истифодаи модели муосири талафоти қарзӣ ҳамчун воситаи рӯйпӯш намудани талафоти имконпазири қарз барои бонкҳо махсус тавсия карда мешавад;

- бо мақсади устуворгардонии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар кишвар тавсияи гузариш ба низоми муосири идоракунии хавфҳои қарзӣ мувофиқи мақсад мебошад, ки тибқи он татбиқи муқаррароти низоми муосири идоракунии хавфҳои қарзӣ ва истифода аз таҷрибаи пешқадам, қобили қабул мебошад.

**Дар боби сеюм** муаллиф ҷиҳати такмилӣ низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дақиқ зикр намудааст, ки бо тағйирёбии шароити иқтисодӣ ва таҳаввулот дар низоми бонкӣ талабот ба равишҳои муосири таҳлили хавфҳои қарзиву мутобиқгардонии он ба фаъолияти қарзии бонкӣ пайдо мегардад, ки ин талабот ҳатман бояд қонеъ карда шавад. Ҳалли чунин талабот донишҳои назариявии муосир ва ҳамчунин, таҷрибаи амалии пешқадами ҷойдоштаро дар ин самт тақозо менамояд. Дар ин боб ҷиҳати такмили заминаҳои методологии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ равишҳои меъёрӣ ва методии он мавриди таҳлил қарор гирифтаанд ва дар натиҷа пешниҳодҳои илмӣ аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудаанд.

Сараввал, яке аз роҳҳои асосии пасткунии хавфҳои қарзӣ бо роҳи таъмини пардохтпазирии бонк, ки хос барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, исбот гардида, баъдан, истифодаи самаранок аз Бюроҳои таърихи қарз ва сифати баланди диверсификатсияи сандуқи қарзӣ унсурҳои асосӣ дар таъмин ва идоракунии хавфҳои қарзии бонкҳо ва ҳамчунин, баландбардории сатҳи касбияти мутахассисони қарзӣ, ки ба ин раванд мусоидаткунанда мебошанд, муайян карда шудааст.

Модели муосири баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар асоси СБҲМ 9 “Воситаҳои молиявӣ”, яъне модели талафоти пешбинишуда таҳия карда шуда, аҳамияти истифодаи онҳо барои бонкҳо арзёбӣ гардидааст. Инчунин, дар асоси нишондиҳандаҳои омории макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон модели регрессионии хавфи қарзӣ дар доираи омилҳои ба он таъсиррасон пешниҳод карда шуда, ҳолат ва дурнамои он то соли 2030 баҳодиҳӣ гардидаст. Тибқи дурнамои мазкур ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол бо назардошти афзоиши сандуқи қарзӣ дар давраи солҳои 2023-2030 ба ҳисоби миёна 12,2% коҳиш ёфта, дар соли 2025 8,65% ва дар соли 2030 ба андозаи 4,9%-и маблағи умумии сандуқи қарзиро қарзҳои ғайрифаъол ташкил медиҳанд.

Дар маҷмуъ, мубрамии дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ дар бонкҳо вобаста ба санадҳои стратегии миллӣ арзёбӣ гардида, чораҳо ҷиҳати баландбардории самаранокии ҷараёни қарздиҳӣ барои ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоркардаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 25 мақола, аз ҷумла 7 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд.

Диссертатсияи Оев Анис Давлатович бо забони давлатӣ навишта шуда, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ба талабот ҷавобгӯй мебошанд ва мавқеи намоёни назариявию амалиро соҳиб мебошанд.

**7. Эродҳо ва камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар баробари ҷанбаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

1. Зербоби 1.1. ба “Таҳаввулоти назариявии хавф ва табиати иқтисодии он” бахшида шудааст, аз нигоҳи мо, муаллиф дар умум вазни бештарро ба асосҳои назариявии хавф равона намудааст. Дар ин қисмат агар омӯзиш каме ба худи хавф ва баъдан, қисми зиёди он ба хавфҳои қарзӣ равона мешуд, нисбатан беҳтар мебуд.
2. Дар ҷадвали 1.4 ва 1.7. унвонҷӯ оид ба ташаккулу рушди низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ва сохтори муосири низоми идоракунии онҳо дар сатҳҳо бисёр муҳим пешниҳод намудааст, аммо шарҳи онҳо дар сатҳи зарурӣ баррасӣ нагардидааст.

3. Дар таҳқиқоти илмӣ шумораи зиёди корҳои илмӣ оид ба таҳлили хавфҳои қарзии низоми бонкии кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва дар натиҷаи муайянкунии омилҳои таъсиррасони хавфҳои қарзӣ дурнамои низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ҳисоб ва ояндабинӣ гардидаст. Дурнамои таҳияшуда, ки то соли 2030-ро инъикос менамояд, аз нигоҳи муҳлат самаранокии ҳисобро нисбатан коста нишон медиҳад.

4. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи пурсишнома муаммоҳои ҷойдоштаро оид ба низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ баррасӣ намуда, қисми зиёди маводи илмии ба даст овардашударо дар замима нишон додааст. Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар натиҷаҳои пурсишномаи гузаронидашуда зиёдтар дар матни асосии диссертатсия оварда мешуд.

5. Дар қисмати хулосавии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия нуқтаҳои арзишманди илмие ба назар мерасанд, ки баъзеашон дар қисмати хулосаи диссертатсия инъикос наёфтаанд.

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи зарурӣ омода карда шуда, эродҳои зикршуда ба муҳтавои он таъсири манфӣ намерасонанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Оев Анис Давлатович ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №276) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқоти мукаммали илмӣ ва мустақилонаи унвонҷӯ буда, ба яке аз масъалаҳои муҳими

илми иқтисоди миллӣ-такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун омили таъмини самаранокӣ ва устувории низоми бонкӣ бахшида шудааст.

**9. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.**

Дар маҷмӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Оев Анис Давлатович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмию амалӣ иҷро шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси болозикр мебошад.

Муқарризи расмӣ,
н.и.и., Сардори Шуъбаи амалиётии
ҶСП “Спитамен-Бонк” Боймуродов Ҷ.Ҷ.

Имзои Боймуродов Ҷ.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям,
Сардори Департаменти кадрҳои
ҶСП “Спитамен-Бонк” Мирзоева Л.С.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 4,
тел.: (992) 900-46-66-67, https://www.spitamenbank.tj